# ХУЛОСАИ

комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6DKOA-002 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Бобоева Барно Рауфовна дар мавзӯи "Ҷойгоҳи матбуоти ҳизбӣ дар фазои иттилоотии Тоҷикистони соҳибистиқлол", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ пешниҳод шудааст.

10 феврали соли 2021 ш. Душанбе

Диссертатсияи номзадии Бобоева Б.Р. дар мавзӯи "Ҷойгоҳи матбуоти ҳизбӣ дар фазои иттилоотии Тоҷикистони соҳибистиқлол" ба омӯзиш, таҳқиқ ва баррасии ташаккули нашрияҳои аҳзоби сиёсӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол бахшида шудааст.

Дар он ташаккули низоми бисёрҳизбӣ дар Тоҷикистон, таъйинот ва вазифаҳои ин намуди нашрияҳои даврӣ, шаклу шеваи тарғибу ташвиқи ғояҳои барномавии ҳизбҳои ҷудогона дар матбуот, бахусус нашрияҳои даврии ҲХДТ – "Минбари халқ" ва "Сухани халқ", корбасти аносири жанрҳои публитсистика дар инъикоси масъалаҳои муҳимми ҷомеа ва амсоли ин мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Пажӯҳиши ин вижагиҳои матбуоти ҳизбӣ дар илми публитсистикашиносии тоҷик аз мавзӯъҳои камомӯхташуда буда, аз аҳаммияти назариву амалӣ бархурдор аст.

**Навгонии илмии диссертатсияро**, пеш аз ҳама, бо он метавон асоснок намуд, ки дар он омилҳои ташаккули нашрияҳои гуногуни ҳизбӣ дар Тоҷикистон, таъйинот, вазифа, нақш ва мавқеи ин намуди нашрияҳои даврӣ дар ҷомеаи муосир муайян гардида, хусусиятҳои мундариҷавию жанрии нашрияҳои даврии сатҳи гуногуни аҳзоби сиёсӣ амсоли «Минбари халқ», «Адолат», «Нидои ранҷбар», «Эътиқод», «Коммунисти Тоҷикистон», «Иттиҳод», «Меҳргон», «Иқтисод ва ҳаёт» ва «Сухани халқ», ҷиҳатҳои умумӣ ва хоси ин нашрияҳо дар инъикос ва тарвиҷи сиёсати ҳизбӣ нишон дода шудааст.

Диссертант омӯзиш ва таҳқиқи мавзӯъро дар заминаи методҳои таърихию муқоисавӣ, таҳлили анъанавӣ, пурсиши сотсиологӣ ва сифативу миқдорӣ ба роҳ монда, аз асарҳои бунёдии донишмандони хориҷиву ватанӣ Август Фердинанд Бебель, Вильгелм Кристиан Либкнехт, Александр Грей, Г. Зокиров, Ш. Султонов, И. Усмонов, М. Муродӣ, А. Саъдуллоев, А. Нуралиев, М. Абдуллозода, А. Азимов, Ш. Муллоев, Р. Removeбоҷонова истифода намудааст.

Сохти диссертатсия аз се боб ва шаш фасл таркиб ёфта, дар маҷмӯъ мақсад ва вазифаҳои ба миён гузоштаи унвонҷӯро ифода мекунад.

Диссертатсия дар сатҳи нисбатан хуб навишта шуда, ҷиҳати муайян кардани низоми бисёрҳизбӣ, матбуоти аҳзоби сиёсӣ усулҳои муосири ташвиқу таблиғ, дарку фаҳми журналистикаи сиёсӣ, журналистикаи иҷтимоӣ, робитаи дуҷонибаи матбуоти даврӣ ва хонанда, истифодаи қолабҳои жанрӣ **аз аҳаммият холӣ буда наметавонад**. Қисматҳои диссертатсияро метавон дар ҷараёни тадриси фанҳои таърихи журналистикаи тоҷик, дарсҳои интихобӣ доир ба матбуоти аҳзоби сиёсӣ мавриди истифода қарор дод.

Муҳиммият, навгонӣ, аҳаммияти назарӣ ва амалии диссертатсияи Бобоева Барноро Рауфовнаро ба назар гирифта, комиссияи ташхис ба чунин хулоса омад:

## Хулоса

1. Диссертатсияи Бобоева Барно Рауфовна дар мавзӯи “Ҷойгоҳи матбуоти ҳизбӣ дар фазои иттилоотии Тоҷикистони соҳибистиқлол” кори илмии анҷомёфта буда, мундариҷаи он ба ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ, ки Шӯрои диссертатсионии 6DKOA-002 ба ҳимоя иҷозат медиҳад, дар маҷмӯъ мувофиқат мекунад.
2. Мақолаҳои интишоршудаи муаллиф (8 адад), ки 4 адади он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд, мазмуни асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.
3. Автореферат ба талаботи кори илмӣ мувофиқ буда, мазмуну мuҳтавои диссертатсияро пурра фаро гирифтааст.
4. Диссертатсияи Бобоева Барно Рауфовна дар мавзӯи “Ҷойгоҳи матбуоти ҳизбӣ дар фазои иттилоотии Тоҷикистони соҳибистиқлол”, ки ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмӯъ ҷавобгӯ аст, барои ҳимоя ба Шӯрои диссертатсионии 6DKOA-002 пешниҳод карда шавад.
5. Ба ҳайси муқарризони расмӣ муҳаққиқони зерин, ки корҳои илмию таҳқиқотиашон ба ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мувофиқат мекунад, тавсия карда мешаванд:

**Муъминҷонов Зулфиддин** – доктори илмҳои филологӣ, декани факултети режиссура, кино ва телевизиони Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода.

**Салимзода Олим Салимович** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи телевизион ва радиои Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон.

Ба сифати муассисаи тақриздиҳанда Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав тавсия карда мешавад.

Раиси комиссияи ташхис:
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви Шӯрои диссертатсионӣ М. Муродӣ

Аъзои комиссияи ташхис:
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви Шӯрои диссертатсионӣ М. Абдуллозода

доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви Шӯрои диссертатсионӣ А. Азимов